***Тақриз***

***ба автореферати рисолаи номзадии Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ, аз рӯи ихтисоси 19.00.05.- Психологияи иҷтимоӣ***

Оила қисми таркибии ҷамъияти инсонӣ мебошад ва маҳз дар оила заминаи асоси ташаккулёбии шахсияти инсон ва мустаҳкам нигоҳ доштани пояи он гузошта мешавад. Ташкил ва таърихи ба вуҷуд омадани оила, бурдбориҳо, мушкилотҳои психологӣ дар заминаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ба системаи муносибатҳо дохил шудани аъзоёни он ҳамчун проблема аз тарафи олимони соҳаҳои гуногун зери таҳқиқ қарор гирифта шудааст. То имрӯз аксарият масъалаҳо дар омӯзиш ҳалли худро ёфтаанд, аммо қисми зиёди масъалаҳои бо оила алоқаманд буда то ҳол таҳқиқ шудаистодаанд. Аз ин рӯ мавзӯи тадқиқшаванда яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир ба шумор меравад.Нақш ва аҳамияти омӯзиши проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони оилаҳои нопурра дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон хеле муҳим ва сари вақти мебошад, зеро нопурра гардидани оилаҳо, пеш аз ҳама таъсири худро ба инкишофёбии шахсияти кӯдакон мерасонад.

Тадқиқоти диссертатсионии Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи имрӯза буда, омӯзиши он саривақтӣ, зарурӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ дорад.

Навгонии тадқиқоти мазкур қобили қабул буда, яке аз аввалин тадқиқотест, ки ба таҳлили психологии ҳамаҷонибаи илмию амалии проблемаҳои системаи муносибатҳои кӯдакон дар оилаҳои нопурра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Сохтори рисолаи диссертатсионӣ хеле хуб тартиб дода шуда, имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои муҳими назариявии проблемаҳои системаи муносибатҳои кӯдаконро дар оилаҳои нопурра кушода диҳад. Дар хулосаи диссертатсия коркарди тавсияҳо дар соҳаи тадқиқшаванда оварда шудааст. Ҳамзамон нуктаҳои асосии диссертатсия, ки аз тарафи муаллиф барои ҳимоя пешниҳод гардидааст, қобили дастгирӣ буда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест.

Муаллиф мубрамияти мавзӯро ниҳоят хуб асоснок намуда, омори солҳои охирро оид ба ақди никоҳ ва бекоркунии он зери таҳлил ва муқоисагузорӣ қарор додааст. Диссертатсия аз сарсухан, 2боб, 6 зерфасл, хулоса, замимаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар боби аввали диссертатсия оид ба «Асосҳои илмӣ- назариявии омӯзиши проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» бахшида шуда, дар он нақши оила дар инкишофи шахсияти кӯдакон, хусусиятҳои инкишофи психикӣ ва шаклгирии шахсияти онҳо ва таъсиррасонии махсусияти муносибатҳои байниҳамӣ дар оилаҳои нопурра, зери таҳлили психологӣ қарор гирифтааст.Ба ақидаи диссертант, кӯдакон дар синни томактабӣ дар ҷараёни ташаккулёбӣ қарор дошта, алакай дар онҳо худбаҳодиҳии шахсӣ ва муайян кардани мавқеи худ дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Ӯ дуруст қайд кардааст, ки пошхӯрдани оила вобаста ба вазъият ба кӯдакони ин синну сол таъсири гуногун мерасонад ва агар кӯдак дар оила ягона бошад, ӯ ҳамчун шахсияти осебпазир ба ҳисоб меравад.

Дар боби дуюм «Тадқиқи хусусиятҳои психологии муносибатҳои байниҳамдигарии кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра ва пурраи тоҷик» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи рисола дар ин боб як қатор методҳои тадқиқотиро ба хусусиятҳои этномадании миллати тоҷик мутобиқ гардонидааст. Ӯ натиҷаҳои методҳои тадқиқшударо бо таҳлили оморӣ, ҳисоби миёнаи Стюдент ва коррелятсияи Пирсонс натиҷагирӣ намуда, онҳоро дар ҷадвалу диаграммаҳо шарҳ додааст.

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки автореферати З.Р.Сафарова тадқиқоти илмӣ- амалӣ буда, методҳои коркардшудаи он дар тадқиқотҳои минбаъдаи психологӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар баробари нуқтаҳои мусбие, ки дар боло зикр гардидааст, автореферати диссертатсия аз баъзе камбудиҳои ҷузъи холӣ нест:

1. Хуб мешуд, ки хусусиятҳои инкишофи психикии кӯдакони синни томактабӣ дар зерфасли алоҳида нишон дода мешуд;
2. Ҳангоми интихоби гурӯҳчин беҳтар мебуд, агар якрангии сифатии озмудашавандагон аз гурӯҳҳои асосӣ ва назоратӣ риоя карда шавад.

Новобаста аз норасоиҳои зикргардида, рисолаи диссертатсионии З.Р.Сафарова тадқиқоти илмии мустақилона иҷрошуда ба шумор меравад, рафти камбудиҳои мазкур ба мазмуни тадқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф таъсири манфӣ нахоҳад расонд.

Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар 21 маводҳои интишор гардидаи муаллиф дарҷ шудаанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки тадқиқоти диссертатсионии Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни

томактабии оилаҳои нопурра» кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва уновонҳои илмӣ (дотсент, профессор) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад.

Муқарриз:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
ноиби ректор оид ба корҳои тарбияи
ДДҲБСТ ХоҷаеваМ. Ҷ.

Имзои доктори илмҳои педагогӣ,
профессор М.Ҷ.Хоҷаеваро
тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ, Саидов П.А.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассисаи тақриздиҳанда:
ш.Хуҷанд. мкрн.17. х№1